**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________Убайдулло Асрорзода
«_30_» _сентябри_ с.2022

# БАРНОМАИ «SMART WATER MANAGEMENT» (2022-2027)

## 1. Муқаддима ва мубрамият

Дар шароити тағйирёбии иқлим, хушксолӣ ва вобастагии Тоҷикистон аз обҳои зеризаминӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои об ба самти асосии рушди устувор табдил меёбад. Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳамчун пешвои ташаббусҳои сабз, як системаи мукаммали ҳифзи обро татбиқ мекунад, ки ба ҳамгироии технология, таълим ва ҳалли амалӣ нигаронида шудааст.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои барнома

**Мақсад:** истеъмоли оби кампусро то ≥50% кам кардан ва системаи устувори истифодаи такрории обро ҷорӣ кардан мебошад.

1. Ҷорӣ намудани системаи сарбастаи обӣ, ки раванди ҷамъоварӣ, тоза кардан ва истифодаи дубораи обро дар бар мегирад (дар бинои нави кампус ин система ҷорӣ карда мешавад);
2. Ташкил намудани минтақаҳои сарфанамоии об (сабзкорӣ бо обёрии қатрагӣ, ҷумаки ҳушманд);
3. Ҳамгироии модулҳои таълимии «Water & SDGs» ба раванди таълимӣ.

## 3. Тадбирҳои техникӣ ва чораҳои амалӣ

1. Насби системаи ҷамъоварии оби борон аз боми биноҳо ва зарфҳои нигоҳдорӣ;
2. Тоза кардан ва истифодаи дубораи обҳои ифлос (масалан, барои обёрӣ);
3. Насб кардани ҷумакҳои каммасрафи об, аэраторҳо ва системаҳои сенсорӣ дар биноҳои кампус (дар биноҳои кампус ҳамаи ин системаҳо татбиқ карда мешаванд);
4. Ташкили системаи хомӯшкунии худкори об ҳангоми набудани ҳаракат;
5. Ҷорӣ намудани системаи обёрии қатрагӣ бо сенсорҳои намӣ ва таймерҳо;
6. Гузаронидани чорабиниҳо барои баланд бардоштани фарҳанги сарфаи об дар байни донишҷӯён ва кормандон.

## 4. Нишондиҳандаҳои самарабахш (KPI)

| Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Мақсад ба с.2027 |
|---|---|---|
| Кам кардани истеъмоли об | % | ≥ 50 |
| Истифодаи такрории об | % | ≥ 30 |
| Насб намудани таҷҳизоти сарфакунандаи об | % бино | 100 |
| Шумораи тренингҳои солона оиди сарфаи об | воҳ. | ≥ 10 |
| Сарфаи об дар арзишҳои мутлақ | м³/сол | ≥ 15 000 |

## 5. Саҳм ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ (ҲРУ)

1. ҲРУ 6 «Оби тоза ва беҳдошт»;
2. ҲРУ 11 «Шаҳрҳо ва ҷамоатҳои устувор»;
3. ҲРУ 12 «Истеъмол ва истеҳсоли масъулиятнок»;
4. ҲРУ 13 «Мубориза бо тағйирёбии иқлим»;
5. ҲРУ 15 «Ҳифзи экосистемаҳои замин».

## 6. Натиҷаҳои пешбинишуда

1. Кам кардани истеъмоли об то 50% ва кам кардани хароҷоти об то 30%;
2. Оғози нахустин системаи истифодаи дубораи об дар Тоҷикистон;
3. Таъсиси Маркази идоракунии салоҳияти оби сабз;
4. Баланд бардоштани фарҳанги экологии донишҷӯён ва кормандон.

## 7. Сохторҳои масъул

1. Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз
2. Ҳамаи кампусҳо ва шуъбаҳо.